Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллииТоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7 аудиторияи 102).

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар мавзуи: «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирон дар рушди иҷтимои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ) пешниҳод шудааст.

Мавзуи интихобнамудаи Мирзоева М.У. актуалӣ ва саривақтӣ барои соҳаи иҷтимои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, чунки масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва истифодаи маблағҳои интиқолнамудаи онҳо ҳамчун омили рушди соҳаи иҷтимои иқтисодиёти кишвар баланд бардоштани некӯаҳолии мардум самаранокии истифодаи маблағҳои муҳоҷирон ба ҳисоб меравад. Самаранок истифода бурдани маблағҳои интиқолнамудаи муҳоҷирон таҳлили амиқи илмӣ ва омӯзиши усулҳои муосири татбиқро ба худ талаб менамояд. Аксари барномаҳо ва стратегияҳои давлатии соҳаи муҳоҷират ва фаъолияти низоми пардохтии бонкҳои дар Тоҷикистон амалкунанда дар шакли лоиҳаҳои давлатии пешниҳод мегарданд.

Автореферати Мирзоева М.У., нишон медиҳад, ки муллиф масъалаҳои зиёди вобаста ба роҳҳои самаранок истифодабарии маблағҳои интиқолнамудаи муҳоҷирон ва нақши онҳо дар таъмини норасогии оилаҳояшон асоснок намуда, барои амалияи соҳаҳои иҷтимои иқтисодии кишвар тавсияҳои асоснок ва манфиатовар пешниҳод менамояд.

Яке аз ҷиҳатҳои мусбати автореферати диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф механизми воридот ва содироти маблағҳои интиқолнамудаи муҳоҷирони меҳнатӣ, тартиби интиқол ва фарқияти суратҳисоби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро пешниҳод намудааст. Татбиқи механизми мазкур ҷиҳати ҳалли баъзе мушкилоти соҳа барои субъектҳои низоми бонкии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, ба интиқолдиҳанда ва пардохкунанда шароити зарурӣ ва воситаҳои самараноки истифодаи онро фароҳам меоранд.

Дар баробари бартариятҳо автореферати диссертатсия, инчунин камбудию норасогӣ низ дида мешавад.

1. Дар автореферати диссертатсия оиди омилҳо ва сабабҳои афзоиши ҷараёни муҳоҷират таҳлилҳо кам ба назар мерасанд, хуб мешуд нисбати сабабҳои афзоиши ҷараёни муҳоҷират ҷадвалҳо тартиб дода мешудаанд боз ҳам сифати кори диссертатсия беҳтар мегардид.

2. Дар автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои техникиву имлоӣ ва баъзан услубӣ дар ҷумлаҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба сифати кор мебошад;

3. Дар рӯйхати адабиёт оид ба корҳои анҷомдодаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нишон дода шудааст, аммо дар матни автореферат кам ба назар мерасанд;

Эродҳои гуфташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро коҳиш намедиҳад ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор гуфта шудаанд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки автореферати диссертатсияи Мирзоева М.У. дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирон дар рушди иҷтимои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – “Иқтисодиёти нуфус ва демография” (илмҳои иқтисодӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – “Иқтисодиёти нуфус ва демография” (илмҳои иқтисодӣ) мебошад.

Тақризиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи назарияи иқтисодии
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Мирсаидов М.Н.**

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
шаҳри Кулоб, куч. С. Сафаров 16
Тел.: (992) 988 45 09 09;
E-mail: mmirsaidov@mail.ru

Имзои Мирсаидов Муҳаммаднаим Негматовичро
тасдиқ мекунам, Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ **Амиров Ф.А.**

« 03 **»** 03 **соли 2023**